# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Дар шароити муосир, аз омӯзгор на танҳо интиқол додани иттилоот ва таълими асосҳои амалӣ ва назариявии касби ояндаро интизор доранд, балки барои дарёфти самтҳо, усулҳо ва шаклҳои фаъолияти маърифатӣ бо мақсади роҳнамоии раванди худинкишоф ва худтакмилдиҳӣ мусоидат мекунад. Худомӯзии як донишҷӯи коллеҷи тиббӣ дар самти дуруст, ки имкон медиҳад дониш ва малакаҳои андӯхташударо барои ҳалли мушкилоти касбӣ истифода гардад, мустақилона ба дастовардҳои ӯ дар такмили СК-и худ баҳои воқеӣ диҳад.

Табибони оянда метавонанд, тасаввуроти назариявии арзишҳои ахлоқиро дошта бошанд, онҳо метавонанд ин мавзуъро бо ҳамсолон муҳокима кунанд ва ҳатто дар вақти бозиҳои нақшӣ ё тамринҳо ҳолатҳои мувофиқро иҷро кунанд, аммо танҳо ҳамкории воқеӣ бо бемор ба онҳо имкон медиҳад, ки онҳоро ташаккул диҳанд ва як қисми шахсияти мутахассиси соҳаи тиб созанд. На ҳама донишҷӯён дар аввал аз чунин сифатҳо бархӯрдоранд. Ташаккули воқеии онҳо танҳо бо андӯхтани озмоиш дар муошират бо беморон муяссар мегардад. Аз дидгоҳи илмӣ, мавзуи барои таҳқиқ интихобнамудаи довталаб муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад

Таҳқиқу омӯзиш ва баррасии автореферати диссертатсия собит мекунад, ки муаллифи диссертатсия пажӯҳишу ковишҳои зиёди илмӣ анҷом дода, паҳлӯҳои гуногуни масъаларо равшан намуда, барои ташаккул додани салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ пешниҳодҳои мушаххаси амалӣ ва тавсияҳои методии ҷолиби диққат ироа намудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои

таълимӣ – тарбиявӣ”, барҳақ, дар ин самт кӯшиши саривақтӣ ва ҷолиби диққати муҳаққиқ буда, он дар доираи талаботи навтарини барасмиятдарории таҳқиқоти илмӣ рӯйи кор омадааст. Зеро дар шароити кунунии рушди бемайлони иттилоот ва илму технология масъалаисалоҳияти касбӣ  сару кор гирифтан ва онро дарк кардану мавриди истифода қарор дода тавонистан яке аз мушкилоти муҳими ҷавонон муосир ба шумор меравад.

Муҳаққиқ басо бамаврид ва нишонрас таъкид кардааст, ки “Самти инсондӯстӣ ба мутахассиси соҳаи тиб имкон медиҳад, ки ҳангоми муошират бо бемор вазифаҳои ҳам омӯзгор ва ҳам психологро иҷро кунад, то ӯро дар ҳолати душвор дастгирӣ намояд, ба ӯ дар рафъи афсурдаҳолӣ кумак кунад ва рӯҳбаландӣ бахшад”.

Унвонҷӯй зимни омӯзиш ва таҳқиқу озмоиш хеле дуруст ва муътамад натиҷагирӣ кардааст, ки:

-СК-и омӯзгор ва донишҷӯ имкон медиҳад, ки муносибатҳои байни онҳо, ки дар асоси принсипҳои инсондӯстӣ нигоҳ дошта шаванд, табибони ояндa ҳангоми муошират бо беморон ба ҳамин муносибат самтгирӣ шаванд;

- ҳадди аксари самаранокии раванди такмили салоҳиятнокии касбии мутахассисони ояндаи соҳаи тиб ҳангоми истифодаи равиши метафаннӣ нисбат ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, самти инсондӯстӣ ва иҷтимоӣ ба даст оварда мешавад;

- ҷанбаи том ва кушодаи фазои интерактивии таҳсилотии коллеҷи тиббӣ имкон медиҳад, ки ба донишҷӯ дар як вақт ҳам бо субъект ва ҳам бо объекти раванди таълим муносибат шавад, ва ин ба рушди салоҳиятнокии касбӣ дар табиби оянда таъсири бениҳоят мусбат мерасонад.

Автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро ифода мекунад. Дастгоҳи илмии он мутобиқ ба талаботи сохтори нави аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда мураттаб шудааст.

Муҳаққиқи ҷавон Маҳмудзода Қумринисо натиҷаи кори ба анҷомрасонидаашро дар муқаддима, ду боб ва хулоса инъикос намуда, аз адабиёти мухталиф фаровон истифода бурдааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар хулосаи диссертатсия танзиму таснифи натиҷаҳои озмоиши педагогиро ба итмом расонида, мавриди

арзёбӣ қарор додааст ва вобаста ба натиҷаҳои ноилшуда хулосаву тавсияҳои зарурӣ ироа намудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ арзишҳои назарраси илмиву амалиро соҳиб буда, муътамадӣ, асоснокӣ ва возеҳии он дар гузориши проблема ва роҳҳои ҳалли он, ҳадаф, вазифа, фарзия ва аҳамияти назариявию амалии он андешаҳои фавқро собит месозад.

Мувофиқи натиҷаҳои дар автореферат баррасигардида кори диссертатсионии Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ” таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида арзёбӣ шуда, ҳаҷм, дастгоҳи илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии он ба талаботи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, мудири
шуъбаи инноватсия ва технологияи
таълими Академияи таҳсилоти
Тоҷикистон Камолзода С.

07.04.2023

Маълумот барои тамос: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126; Телефон (992 372) 25 84 22; моб.: (+992) 918 23 28 22; E-kamolzoda70@mail.ru.

*«Имзои С. Камолзодаро тасдиқ мекунам»*

*Нозири кадрҳои АТТ* *М. Саидова*

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ